Тақриз
ба рисолаи Саидова Ҷамила "Диалектизмҳо
ва хусусиятҳои услубии онҳо дар асарҳои
Абдулҳамид Самад"

Абдулҳамид Самад аз зумраи адибони баруманд ва сермаҳсули тоҷик аст. Ӯ аз нимаи аввали солҳои ҳафтоди асри XX то имрӯз роман ва повесту ҳикояҳои зиёде таълиф намудааст, ки дар онҳо вазъи кунунии забони меъёрии тоҷик бо ҳама сарвате, ки дорад, дар ҳамин як давраи муайяни таърихӣ пурра инъикос ёфтааст.

Асарҳои нависанда аз нигоҳи забон ва тарзи баён ниҳоят ҷаззоб буда, дар онҳо ҳар як калима, таркибу ибора, зарбулмасалу мақол, рехтаҳои фразеологӣ ва дигар воҳидҳои нутқ ҷой ва мавриди истифодаи худро доранд.

А.Самад чун адиби навовар дар нигоришоти хеш аз тамоми имконият ва хусусиятҳои дохилии забони адабии тоҷик истифода намуда, ҳамзамон зимни ҷустан ва ёфта гирифтани диалектизмҳои лексикӣ аз забони зиндаи халқ ва дар ҷойи муносиб ба кор андохтани онҳо ба меъёрҳои забони адабӣ меъёрҳои нав зам кардааст. Ин табиист, зеро "нависандагони бузург дар асарҳои худ тамоюли инкишофи забони адабии муосирро акс намуда, зимнан бо услуби фардиашон дар ривоҷи минбаъдаи системаи забони адабӣ таъсири амиқ мегузоранд" (Р. Ғаффоров). Ана ҳамин пахлӯи масъала водор сохт, ки Ҷ.Саидова як ҷузъи луғати осори А.Самад – диалектизмҳои лексикӣ, ҷою мавриди корбурд ва тобишҳои услубии онҳоро мавриди тадқик қарор диҳад.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва номгӯи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима муҳаққиқ доир ба муҳиммот ва дараҷаи тадқиқи мавзӯъ, аҳамияти илмию амалии тадқиқот, мақсад ва вазифаи он, манбаъ ва методҳои тадқиқ, нуқтаҳое, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд, сохтори рисола сухан ба миён овардааст.

Боби якум, ки «Зарурияти истифодаи диалектизмҳо дар асарҳои бадеӣ» номгузорӣ шудааст, пурра хусусияти назарӣ дорад ва ба тадқиқи мафҳуми «диалектизм» ҳамчун категорияи услубии нутқ, хусусият ва нишонаҳои диалектизм, хелҳои диалектизм, вазифаҳои диалектизм дар асарҳои бадеӣ, ҳадду худуд ва меъёрҳои истифодаи онҳо аз ҷониби адибон, роҳҳои маънидоди диалектизмҳо дар асарҳои бадеӣ бахшида шудааст. Дар ҳаллу фасли масоили марбута унвонҷӯ аз адабиёти зиёди илмӣ кор гирифта, ба назарияи пешқадами олимони ватанию хориҷӣ (хусусан олимони рус) такя намудааст.

Боби дуюм “Диалектизмҳои лексикии хосса дар асарҳои Абдулҳамид Самад” ном дорад. Дар ин боб унвонҷӯ диалектизмҳои навъи мазкурро ба ду гурӯҳи калон- фарохистеъмол ва маҳдудистеъмол ҷудо намуда, онҳоро аз нигоҳи муносибат ба ашёи гуногун, аломат, амалу ҳаракат ва амсоли инҳо боз ба гурӯҳҳои предметӣ ва ғайрипредметӣ тасниф намудааст. Ин боб муфассал буда, пояи асосити рисоларо ташкил медиҳад ва дар он диалектизмҳои предметию ғайрипредметӣ вобаста ба ифодаи реалияҳо, доираю дараҷаи интишор дар ҳудуди лаҳҷаҳои алоҳида, хусусиятҳои услубию ҷилоҳои маъноӣ, ҷой ва мавриди истифода дар таълифоти нависанда ба тадқиқ гирифта шудаанд.

Унвонҷӯ бо далелҳо исбот кардааст, ки диалектизмҳои хосса дар асарҳои А. Самад хусусияти услубӣ доранд ва, аз як тараф,барои фардӣ кардани нутқи персонажҳо, нишон додани сатҳи савод,андеша,эҳсосот,эстетикаю психологияи онҳо ба кор орафта бошанд, аз тарафи дигар, барои офаридани сужет, образҳо, таъмини халқияти забони асар, реализми услуби баён, ба меъёр даровардани баъзе аз онҳо ва ба ин восита такмил бахшидани ҷоҳои холии забони адабӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дар боби сеюм диалектизмҳои лексикӣ-семантикӣ ва этнографӣ ба риштаи тадқиқ кашида шудаанд. Муҳаққиқ дар такя бо назарияи олимони шинохтаи рус – Ф. П. Филин, А.Н. Шанский, М. И. Фомина, Г. Я. Симина ва дигарон ба гурӯҳи диалектизмсҳои семантикӣ вожаҳоеро нисбат додааст, ки шаклан бо калимаҳои меъёрӣ монанд бошанд ҳам, маънии лаҳҷавӣ доранд. Ӯ қайд мекунад, ки А. Самад дар асарҳои худ аз ин навъи диалектизмҳо ҳамчун воситаи хуби услубӣ барои муассир ифода намудани сухан ва офаридани лавҳаҳои зебои бадеӣ истифода кардааст. Диалектизмҳои этнографӣ номи ашёе мебошанд, ки он номҳо умумиточикӣ нестанд ва дар забони адабӣ муодиоҳои дигар доранд.Унвонҷӯ ҳамин навъи диалектизмҳоро, ки дар асарҳои А.Самад хеле фаровон ба кор рафтаанд, ба даҳ гурӯҳ ҷудо карда, ҳар як гурӯҳро вобаста ба ифодаи маънӣ боз ба зербандҳо тасниф намудааст.

Дар хулосаи тадқиқот натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дар ҳабдаҳ банд ҷамъбаст карда шудаанд.

Умуман, рисолаи Ҷ. Саидова “Диалектизмҳои лексикӣ ва вазифаи услубии онҳо дар адабиёти бадеӣ (дар асоси маводи осори Абдулҳамид Самад)” як кори мукаммал ва анҷомёфта буда, аз нигоҳи назария пухта ва бақувваат аст. Дастовардҳои илмии унвонҷӯ қобили пазириш мебошанд ва дар ҳаллу фасли масъалаҳои назарию амалии марбут ба забони асари бадеӣ метавонанд ба муҳаққиқони баъдӣ ҳамчун манбаи боэътимод аз ҳар ҷиҳат кӯмак расонанд, ки ҳамаи ин аз камолоти маънавии ӯ дар риштаи забоншиносӣ дарак медиҳанд.

Забони кор равон, фасеҳ, суфта ва илмӣ буда, ба дарку фаҳми хонанда мувофиқ аст.

Дар охир метавон гуфт, ки унвонҷӯ Ҷ. Саидова ҳамчун мутахассиси забоншинос аллакай камол ёфтааст ва аз методҳои навини тадқиқ дар риштаи забоншиносӣ хуб огоҳ буда, аз онҳо босароҳат истифода карда метавонад.

Ҳамаи инро ба ҳисоб гирифта, меарзад, ки рисолаи Ҷ. Саидоваро таҳти унвони "Диалектизмҳои лексикӣ ва вазифаи услубии онҳо дар адабиёти бадеӣ (дар асоси маводи осори Абдулҳамид Самад)" барои ҳимоя аз рӯи ихтисоси забоншиносӣ ба Шӯрои дифои рисолаҳои докторӣ риштаи филологияи тоҷик пешниҳод намоем.

Роҳбари илмӣ доктори илми филология,
профессори кафедраи назария ва амалияи
забоншиносии ДДЗТ ба номи С.Улуғзода
Ш. Исмоилов

Сардори Шуъбаи кадрҳои ДДЗТ ба номи
С.Улуғзода Наҷмуддинов Ш.